

# Садои мардум

№1 (4897)

ПАНҶШАНБЕ,
2 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон




# ТОҶИКИСТОН-2024

## АЗ ДАЪВАТ БА СУЛҲ ТО ЭЪЛОНИ РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ

**Соли 2024 барои Тоҷикистон ва мардуми сарбаланди он соли муаррифии арзанда, ташаббусҳои нави сатҳи ҷаҳонӣ, қадамҳои устувор дар масири бунёдкорӣ ва талошҳои созандаю дастовардҳои тоза буд. Дар фароварди сол чанде аз рӯйдодҳои фараҳбахшу хотирмони солро манзури хонандагони рӯзнома менамоем.**

Мавқеъгирию тасмимҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба мушкилоти ҷаҳони муосир аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид ва дар Ҳамоиши муштараки ғайринавбатии арабию исломӣ ( дар шаҳри Риёзи Подшоҳии Арабистони Саудӣ) Тоҷикистонро дар ҷаҳон парчамбардори сулҳ муаррифӣ намуд. Роҳбари давлатамон дар Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи умумии СММ пешниҳод намуданд, ки тавассути қатъномаи махсуси СММ «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул гардад.

Дар Ҳамоиши муштараки ғайринавбатии арабию исломӣ дар баробари нақши ҳамоҳангсози Созмони Милали Муттаҳид аз ҷумла, аз Созмони ҳамкории исломӣ ҷиҳати ба эътидол овардани вазъ дар минтақа ҷонибдорӣ карданд. Ҷониби Тоҷикистон дар ҳамоиш даъват намуд, то ҷонибҳои даргири минтақа ҳамаи ихтилофотро аз роҳҳои гуфтушунид, дипломатия, бахусус Оинномаи СММ, ҳаллу фасл намоянд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббуси Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалиро оид ба эълони Рӯзи ҷаҳонии футбол бо иттифоқи оро пазируфт. Зимни ҷаласаи 80-уми пленарии Иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии СММ қатъномаи «Рӯзи ҷаҳонии футбол» қабул шуда, ҳамасола 25-уми май дар саросари ҷаҳон Рӯзи ҷаҳонии футбол таҷлил мегардад.

Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид ба эълон намудани Рӯзи байналмилалии морхӯр (Capra falconeri - бузи пармашох, яке аз ҳайвонҳои нодири минтақаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Шимолӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон) тариқи қатъномаи дахлдор якдилона қабул намуд ва 24 май Рӯзи байналмилалии морхӯр эълон гардид.

Маҷаллаи «Top 10 of Asia», ки аз бонуфузтарин нашриёҳо дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ҳисоб меравад, Тоҷикистонро «Мамлакати дорои беҳтарин манзараҳои табиат дар Осиё» эълон намуд.

Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», ки 11 июн оғоз шуд, беш аз ду ҳазор нафарро аз 100 давлати аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар Душанбе ба ҳам овард. Чорабиниро беш аз 300 намояндаи воситаҳои ахбори оммаи дохилию хориҷӣ инъикос намуданд.

Иқтисоди Тоҷикистон солҳои охир ба таври бесобиқа рушд ёфтааст, омадааст дар хабарномаи Бонки ҷаҳонӣ аз 16 июли 2024. Иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2023-юм 8,3% ва дар нимаи аввали соли 2024-ум 8,2% афзудааст, ки ин нишондиҳандаи хеле баланд мебошад. Тавре аз ин хабарнома бармеояд, рушди иқтисоди Тоҷикистон аз ҳисоби афзоиши даромад аз содироти маҳсулоти дохилӣ, беҳсозии инфрасохтор, сиёсати мутавозии пулию қарзӣ, назорати мизони таваррум ва ҳамкории босамар бо шарикони байналмилалӣ ҳосил шудааст.

Ҷашни Меҳргон, яке аз идҳои қадимаи мардуми ориёинажод, ки туфайли талошҳои пайвастаи Пешвои миллат аз нав эҳё гардида, дар қатори дигар ҷашну идҳо ҳамчун иди миллӣ дар кишварамон таҷлил мешавад, расман ба Феҳристи репрезентативии мероси фарҳанги ғайримоддии башарият ворид гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ дар бахши «Беҳтарин макони сайёҳӣ аз ҷиҳати қабули сайёҳони хориҷӣ» сазовори ҷойи сеюм гардид. Ин раддабандӣ зимни машварати омӯзишӣ дар шаҳри Бангкоки Таиланд эълон шуд.

Зимни раддабандии дигари созмон дар самти «Бозорҳои беҳтарини сайёҳӣ аз рӯи хароҷоти сайёҳии содиротӣ» Ҷумҳурии Тоҷикистон дар садри ҷадвали Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ қарор гирифт. Дар ҷадвали мазкур баъд аз Тоҷикистон Сербия, Непал, Латвия, Ирландия ва Туркия ҷойгир шудаанд.

Шашмақомсарои тоҷик, дотсенти кафедраи сароядагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Хуршед Иброҳимзода дар Озмуни байналмилалии «Мақом», ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир шуд, аз рӯйи номинаи «Иҷроиши якка» сазовори ҷойи аввал гардида, бо диплому ҷоиза ва 10 ҳазор доллари ИМА сарфароз шуд.

Дар қароргоҳи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср таҳти унвони «Тоҷикистон - кишвари ёдгориҳои таърихӣ» намоиши байналмилалӣ доир шуд. Дар намоиш аксҳо аз осори нодири таърихии тоҷикон, имрӯзи шаҳри Душанбе ва мавзеъҳои сайёҳии мамлакат ба маъраз гузошта шуданд.

Шаҳри Истаравшан аз ҷониби Шурои умумиҷаҳонии ҳунармандӣ шаҳри ҳунармандӣ эътироф гардида, ба аъзогии шурои мазкур пазируфта шуд.

Дар доираи намоиши «Роҳи бузурги Абрешим» дар Осорхонаи Британия осори таърихии тоҷикон муаррифӣ шуд, ки ин нахустин намоиши осорхонавии мероси антиқаи Тоҷикистон дар шаҳри Лондон мебошад.

Бо ташаббуси Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси байналмилалии парлумонӣ доир шуд, ки бори нахуст буд. Дар он роҳбарони парламентҳои 11 кишвари ҷаҳон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Табиби тоҷик профессор Сурайё Шукурова ба ҷоизаи Лигаи зиддитарбодии мамлакатҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (APLAR) қадр гардид. Ҷоиза мукофоти бонуфузи тиббии ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қароргоҳи ЮНЕСКО - шаҳри Париж бахшида ба 815-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ ва намоиши осори донишманд баргузор шуд, ки дар он донишмандону муҳаққиқон ва мавлоношиносони ҷаҳон ҷамъ омада буданд.

Имсол нахустин Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Душанбе-2024 («Dushanbe International Tourism Exhibition – DITE 2024) доир шуд. Дар он 110 ширкати сайёҳӣ, ҳунармандон ва намояндагони 16 давлат иштирок намуданд. Субъектҳои сайёҳии Тоҷикистон, аз қабили ширкатҳои сайёҳӣ, ҳавопаймоӣ, меҳмонхонаю тарабхонаҳо, муассисаҳои табобатию солимгардонӣ, фарҳангию таърихӣ ва фароғатӣ, маҳсулот ва хизматрасонии худро муаррифӣ намуданд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ

## Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Соли нави мелодии 2025

**1-уми январи соли 2025**



**Ҳамватанони азиз!**
**Сокинони муҳтарами пойтахт!**

Ҳамаи шумо - мардуми сарбаланди мамлакат ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2025 таҳният гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо саломатӣ, бахту иқболи нек ва пешравию ободӣ таманно менамоям.

Соли 2024 бо вуҷуди мураккабу ҳассос боқӣ мондани вазъи сиёсии ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои беруна, мо бо такя ба сиёсати оқилонаю дурбинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва азму талоши қавии мардуми кишвар дар амалисозии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил шудем.

Боиси қаноатмандист, ки соли 2024 дар саросари мамлакат, аз ҷумла дар пойтахти азизамон шаҳри Душанбе, корҳои созандагию бунёдкорӣ вусъати тоза касб намуда, дар натиҷаи меҳнати софдилонаи сокинони сарбаланд садҳо иншооти муҳими истеҳсоливу иҷтимоӣ ва маишиву хизматрасонӣ бунёд гардиданд, ки боиси рушди устувори иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани шароити зисти мардум гардид.

Итминони комил дорам, ки мардуми ватандӯсту созандаи тоҷик дар соли нави 2025 низ ба хотириояндаи дурахшону ободи кишвари маҳбубамон дучанд заҳмат кашида, бо ташаббусҳои созандаи хеш дар пешрафту шукуфоии диёрамон саҳмгузор мешаванд.

Бо ҳамин нияту орзуҳои нек бори дигар ҳамаи сокинони ҳимматбаланду қавиirодаи кишварамонро бо фарорасии Соли нави мелодии 2025 сидқан табрик гуфта, ба Тоҷикистони биҳиштосоямон сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ваояндаи дурахшон орзумандам.

**Соли нави мелодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН



**Сиюми декабри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Tilemaster investment limited» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ-ороишӣ (кошин) дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

**«Садои мардум»**

# ҚАРОРИ ЯКҶОЯИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар хусуси тасдиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сатториён М.А.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2024, №712 «Дар бораи аз вазифаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сатториён М.А.» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024, №126**

# ҚАРОРИ ЯКҶОЯИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар хусуси тасдиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Давлатзода З.Д.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2024, №713 «Дар бораи аз вазифаи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Давлатзода З.Д.» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024, №127**

# ҚАРОРИ ЯКҶОЯИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар хусуси тасдиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қодирзода С.С.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2024, №714 «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қодирзода С.С.» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024, №128**





# МММ ДУШАНБЕ БА 20,6 МЛРД. РАСИД

**31-уми декабри соли 2024 Иҷлосияи бисту якуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе даъвати шашум бо роҳбарии Раиси Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ доир гардид. Дар ин хусус аз шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд.**

Дар кори иҷлосия муовинон, роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳр, роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳ, корхонаю муассисаҳои шаҳрӣ, раисони ноҳияҳои шаҳр, сардорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

Нахуст, оид ба натиҷаи ҷамъбасти рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе дар соли 2024 ва вазифаҳо барои соли 2025 ҳисоботи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ шунида шуд.

Зимни ҳисобот таъкид гардид, ки дар соли 2024 маҷмӯи маҳсулоти минтақавии пойтахт ба 20,6 миллиард сомонӣ расида, суръати афзоиши он нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид. Ҳиссаи маҳсулоти пойтахт дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат бошад, 20 фоизро ташкил дод.

Раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муовини якум ва муовинони Раиси шаҳри Душанбе якҷо бо сохторҳои дахлдор супориш доданд, ки ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, босифат ва дар муҳлати муайянгардида анҷом додани корҳои сохтмонию ободонӣ, таъмиру навсозии роҳҳо ва татбиқи саривақтии лоиҳаҳои дар шаҳри Душанбе амалишаванда чораҳои дахлдор андешанд.

Ҳамчунин, зарур шуморида шуд, ки бо назардошти афзоиши аҳолӣ ҷиҳати ҷалби бештари сармояи дохилию хориҷӣ, махсусан грантҳо, барои навсозии шабакаҳои фарсуда, бунёду навсозии роҳҳо, таҷдиди инфрасохтори обу корез, барқ ва бунёди зеристгоҳҳои нави замонавӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Инчунин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии шаҳр ва таҷдиди паркҳои коммуналии пойтахт барои гузариш ба электробусҳо тамоми чораҳои судмандро роҳандозӣ намоянд.

Ҷиҳати ободу зебо гардидани пойтахт ва тақвият бахшидани маъракаи ниҳолшинонӣ бо ҷалби сокинони пойтахт, инчунин, шинонидани гулу буттаҳои ороишӣ, тозаю озода нигоҳ доштани боғу гулгаштҳои ҳудуди пойтахт ба масъулин дастуру супоришҳо дода шуд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба раисони ноҳияҳои шаҳр супориш доданд, ки якҷо бо раёсати андози шаҳр дар соли 2025 бо мақсади иҷрои пурраю саривақтии нақшаи андоз, кам кардани бақияпулиҳои андозӣ, таъмин намудани қисми даромади буҷет, дарёфти сарчашмаҳои нави андозбандӣ ва истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Ҳамчунин, таъкид гардид, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳр ҷиҳати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷинояткорӣ, махсусан, дар байни ноболиғону ҷавонон ва қонунвайронкуниҳо дар самти истифодаи замин тадбирандешӣ намоянд.

Сипас, вакилон лоиҳаи буҷети шаҳри Душанбе барои соли 2025 ва тасдиқи иҷрои буҷети шаҳри Душанбе дар соли 2023-ро баррасӣ намуда, вобаста ба он қарорҳои дахлдор қабул намуданд.

Вакилон дар идома масъалаи дигари рӯзнома - «Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо дар ин самт баррасӣ намуданд. Вобаста ба масъалаи мазкур ҳисоботи муовини Раиси шаҳр – сарпарасти соҳа шунида шуда, аз рӯи ин масъала қарори дахлдор қабул гардид.

Дар робита ба ин мавзуъ Раиси шаҳри Душанбе ба масъулин дастур доданд, ки ҷиҳати рушди соҳаи ҳунармандӣ ва дастгирии ҳунармандон тамоми чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Вакилон, ҳамчунин, як қатор қарорҳои қабулнамудаи Раиси шаҳри Душанберо дар самти сиёсати кадрӣ ва дигар соҳаҳои муҳими шаҳрдорӣ баррасӣ ва тасдиқ намуданд.

Дар охир Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ кулли сокинони пойтахтро бо фарорасии Соли нави мелодӣ табрик гуфта, ба Тоҷикистони азизамон пешрафту шукуфоӣ орзу намуданд.

## ҚАРОРИ ЯКҶОЯИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар хусуси тасдиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Холиқзода Ҳ.Ҳ.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2024, №680 «Дар бораи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Холиқзода Ҳ.Ҳ.» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024, №129**

## ҚАРОРИ ЯКҶОЯИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар хусуси тасдиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Мансурӣ Д.С.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2024, №719 «Дар бораи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Мансурӣ Д.С.» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024, №130**

## ҚАРОРИ ЯКҶОЯИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар хусуси тасдиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сатториён М.А.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2024, №720 «Дар бораи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сатториён М.А.» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024, №131**

## ҚАРОРИ ЯКҶОЯИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар хусуси тасдиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳимзода С.Н.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2024, №721 «Дар бораи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳимзода С.Н.» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024, №132**




# КМИР ХАБАР МЕДИҲАД

**27-уми декабри соли 2024 дар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатӣ баргузор гардид, ки дар он нахуст масъалаи ташкили ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ панҷ ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ таъсис дода шуд.**

Бо мақсади ҷалби васеи шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ба раванди интихобот, боло бурдани сатҳи маърифати сиёсию ҳуқуқӣ ва фарҳанги интихоботии онҳо қарори дахлдор дар хусуси нимаи дуюми моҳи феврали соли 2025 дар тамоми ҷумҳурӣ ташкил ва баргузор намудани «Рӯзи интихобкунандаи ҷавон» қабул гардид.

Ба хотири таъмини ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандони кишвар дар хориҷи мамлакат бо қарори комиссияи марказӣ дар назди сафоратхонаҳо, консулгариҳо ва намояндагиҳои Тоҷикистон дар 28 давлати дунё 36 участкаи интихоботӣ таъсис дода шуд.

Инчунин, бо мақсади ташкили ҳамкории судманди мақомоти милитсия ва комиссияҳои интихоботӣ дар раванди интихобот роҳнамо барои кормандони милитсия қабул карда шуд.

Ҳамчунин, ҷиҳати танзими фаъолияти мушоҳидони байналмилалӣ, ки бо мақсади мушоҳидаи раванди интихобот ба кишвари мо ташриф меоранд ва таъмини шароити мусоиди фаъолият барои онҳо гурӯҳи кории комиссияи марказӣ таъсис дода шуд, ки ба он намояндагони вазорату идораҳо шомиланд.

**КМИР**

# ИНТИХОБОТ - 2025
## ТАРТИБИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ВА ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

**Интихобот маъракаи муҳими сиёсии низоми давлатдории демократӣ маҳсуб шуда, ба воситаи он иштироки шаҳрвандон дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад ва унсури таркибии ҳаёти сиёсиву ҷамъиятии кишварҳои мутамаддин ба шумор меояд. Дар амал татбиқ намудани ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандон бо ташкилу баргузории интихобот дар робитаи мустақим қарор дорад.**

Бино ба таҷрибаи давлатҳои мухталифи ҷаҳони муосир ҳуқуқҳои интихоботӣ дар шакли ҳуқуқҳои интихоботии фаъол ва ғайрифаъол амалӣ мегарданд. Ҳуқуқи дар интихобот иштирок намудан, интихоб кардан ва овоз доданро ҳуқуқи интихоботии фаъол меноманд. Чунончӣ, барои иштироки шаҳрвандон дар интихобот қонунгузор синни 18 - ро муқаррар кардааст. Шаҳрвандоне, ки синнашон то рӯзи интихобот ба 18 расидааст, ҳуқуқи дар интихобот ширкат карданро соҳиб мегарданд.

Шаҳрвандон новобаста ба мансубияташон ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва дороии молу мулк ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан ва интихоб карданро доранд. Дар ин маврид ҳама гуна маҳдудиятҳои табақавӣ, маърифатӣ, нажодӣ, этникӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, молу мулк ва ғайра аз байн бардошта мешаванд. Бояд ба назар гирифт, ки шахсоне, ки суд онҳоро ғайри қобили амал донистааст ё бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд, инчунин, шахсоне, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз даст додаанд, ҳуқуқи дар интихобот иштирок карданро надоранд.

Интихобкунанда ҳуқуқ дорад озодона дар овоздиҳӣ иштирок намояд. Ба ҳеҷ кас ҳуқуқ дода нашудааст, ки ба интихоби шаҳрванд таъсир расонад ё дахолат кунад. Ғайр аз ин, тибқи меъёри қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон овоздиҳӣ дар интихобот ба таври пинҳонӣ сурат мегирад ва ба изҳори иродаи овоздиҳандагон мудохила намудан манъ аст.

Ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол дар он зоҳир мегардад, ки шаҳрванд ҳуқуқи интихоб шуданро доро мебошад. Шаҳрвандон имконият доранд, ки дар синни аз ҷониби қонун муайяншуда ба сифати номзад ба мақоми вакили мардумӣ дар парлумон ва ё дигар зинаи мақомоти намояндагӣ пешбарӣ ва интихоб гарданд.

Тибқи моддаи 28 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар синни ӯ аз 30 кам набошад, танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олӣ ва забони давлатиро донад, метавонад ба вакилии Маҷлиси намояндагон номзад пешниҳод шавад.

Моддаи 29 қонуни мазкур муқаррар намудааст, ки узви Маҷлиси миллӣ шахсе интихоб ва таъин шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, синни ӯ аз 30 кам набошад ва дорои таҳсилоти олӣ буда, забони давлатиро донад.

Ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ номзадии шахсе ба вакилӣ пешбарӣ карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, забони давлатиро донад ва дар қаламрави вилоят, шаҳр ва ё ноҳияи дахлдор кор ва ё зиндагӣ дошта бошад.

Ба ҳайси номзад пешбарӣ гардидани шаҳрванд ба вакилии ҷамоат низ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 20 кам набошад ва дар ҳудуди шаҳрак ва деҳоти дахлдор на камтар аз 3 соли охир истиқомат дошта, забони давлатиро донад, метавонад номзад ба вакилии ҷамоат пешбарӣ гардад.

Дар интихобот пирӯзӣ ба даст овардани номзадҳо ба вакилӣ ба иродаи интихобкунандагон вобаста мебошад. Интихобот, ба мазмуни дигар, як сабқати сиёсие мебошад, ки дар он субъектони интихобот фаъолона ширкат менамоянд.

Ҳизбҳои сиёсӣ аз субъектони фаъоли интихобот маҳсуб меёбанд ва дар давраи тайёрӣ ва баргузории интихобот фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистонро ба роҳ мемонанд.

Қонунгузор дар моддаи 30 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳуқуқи пешбарии номзадҳоро муқаррар кардааст. Ҳизбҳои сиёсии расман фаъолиятдошта субъекти бевоситаи пешниҳодкунандаи номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон 7 ҳизби сиёсӣ - Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби демократи Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон ва Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқарраротои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, фаъолият доранд.



Барои дар парлумон соҳиби мандати вакилӣ гардидан, ҳизбҳои сиёсие, ки дар мамлакат ба таври расмӣ ба қайд гирифта шудаанд, рӯйхати номзадҳояшонро дар анҷумани ҳизб (конференсия) пешниҳод менамоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ барои иштирок дар интихобот ва ба даст овардани овозҳои интихобкунандагон ба интихобкунандагон барномаҳои худро пешниҳод менамоянд.

Қонунгузор дар масъалаи пешбарии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон ду муҳлати пешбариро муайян кардааст: якум, барои пешбарии номзадҳо ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва дувум, аз ҳавзаҳои якмандатӣ. Дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ пешбарии номзадҳо танҳо аз рӯйи рӯйхати номзадҳо аз ҳизбҳои сиёсӣ ба вакилии Маҷлиси намояндагон сурат мегирад. Пешбарӣ баъд аз таъини санаи баргузории интихобот сар шуда, 45 рӯз пеш аз интихобот ба охир мерасад.

Муҳлати пешбарии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаи якмандатӣ 60 рӯз пеш аз интихобот муайян гардидааст. Дар ин муҳлат дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот ба ҳар як ҳавзаи интихоботӣ номзадҳо пешбарӣ карда мешаванд. Пешбарии номзадҳои вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ (дар маҷмӯъ, 41 ҳавза) аз тарафи мақомоти шаҳрӣ (ба истиснои мақоми ҳизбии шаҳри Душанбе) ва ноҳиявии ҳизбҳои сиёсӣ дар конференсияи онҳо бо зикри ҳавзаи интихоботӣ, ки номзадашон пешбарӣ мегардад, амалӣ мешавад. Мақомоти шаҳрию ноҳиявии ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳар як ҳавзаи интихоботие, ки дар ҳудуди шаҳр ва ноҳия воқеъ гардидааст, як номзадӣ пешбарӣ мекунанд. Агар ҳудуди ҳавзаи интихобот ду ва зиёда ноҳия ва шаҳрро дар бар гирад, пешбарии номзадҳо аз ҳизбҳои сиёсӣ ба ин ҳавза дар конференсияҳои якҷояи ноҳиявӣ ва шаҳрии ҳизб сурат мегирад ва ба ин ҳавза фақат як номзад пешбарӣ карда мешавад.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ доранд нафаронеро, ки аъзои ҳизби сиёсӣ нестанд, номзад пешниҳод кунанд.

Ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин, шаҳрвандон низ бо роҳи худпешбарӣ ҳуқуқ доранд номзадиашонро пешбарӣ намоянд. Тартиби пешбарии номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон аз ҷониби шаҳрвандон ба тариқи худпешбарӣ дар қисми 14 моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дарҷ шудааст. Номзад бояд барои тарафдории худ на камтар аз 500 имзои интихобкунандагони ҳавзаи интихоботие, ки номзадиашро дар ҳамон ҳавза пешбарӣ намудааст, ҷамъ оварад ва якҷоя бо аризаи худ ба комиссияи ҳавзавии якмандатии интихоботӣ супорад. Имзоҳои интихобкунандагон бояд дар варақаи имзогузорие, ки намунаи онро Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, гузошта шаванд.

Қонунгузор муайян кардааст, ки ҳар интихобкунанда аз ҳавзаи маҳали истиқомати худ бояд ба тарафдории фақат як номзад дар варақаи имзогузорӣ имзо монад.

Дар варақаҳои имзогузорӣ маълумоти зерин нишон дода мешавад:

- насаб, ном ва номи падари номзад ва шахси ташаббускори номзад;
- ҷойи истиқомат;
- силсила ва рақами шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти шахси ташаббускорро тасдиқ мекунад;
- рақами тартибӣ;
- насаб, ном ва номи падари имзогузоранда;
- рӯз, моҳ ва соли таваллуди ӯ;
- силсила ва рақами шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти имзогузорандаро тасдиқ мекунад;
- ҷойи истиқомат;
- имзои шахси имзогузоранда;
- таърихи имзои варақа.

Дар замони соҳибистиқлолӣ мардуми шарифи Тоҷикистон дар гузаронидани якчанд интихоботҳо ва раъйпурсиҳо фаъолона ширкат варзида, аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ васеъ истифода мебаранд. Сол ба сол дараҷаи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мо афзуда, дар ҳамаи чорабиниҳои сиёсӣ ширкати фаъолонаи онҳо ба назар мерасад. Боварӣ дорем, ки барои дар сатҳи баланд гузаронидани интихоботи даъвати нави вакилон 2 марти соли 2025 бо истифода аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ шаҳрвандон ва ҳизбҳои сиёсии кишвар бо масъулияти баланд ширкат варзида, дар рушду тараққиёти минбаъдаи Ватани азизамон саҳм мегузоранд.

**М. АЗИЗӢ, узви КМИР**

# ҲОЛО, КИ СОЛИ НАВ ОМАДААСТ...

**Сонияҳо ба дақиқаҳо, дақиқаҳо ба соатҳо... моҳҳо ба солҳо мубуддал мешаванд ва аз мо мегузаранд, моро раҳо мекунанд. Мо наметавонем замонро нигаҳ дорем, пеши роҳашро бигирем ва аз он бихоҳем, ки бо мо бимонад. Замон меравад, вале дар пайкари мо нақши худро мегузорад. Мӯи сарамон сапед мешавад, чашмонамон камнур мегардад, ожангҳоямон бештар менамоянд, қоматамон хам мехӯрад, тани дурустамон заъф пайдо мекунад. Бо ин ҳама замон муаллими беминнати мост. Ба мо имкон медиҳад, ки зиндагиро таҷриба бинмоем, равшаниро аз торикӣ ва некиро аз бадӣ ҷудо созем.**



Соле мераваду соле меояд, шумораҳо тағйир меёбанд, ҳатто ба бовари ниёгонамон хуршед аз нав таваллуд мешавад ва ин мелод Наврӯзро дар пай дорад. Мо чӣ, бо гузашти соле тағйир ёфтаем? Шукуфоӣ ва растагориро таҷриба кардаем? То чӣ ҳадде ба худ камол бахшидаем? Оё ҳар субҳ саломи ИШҚро посух додаем? Аз ҳавои муҳаббат, меҳрубонӣ, садоқат... нафас кашидаем? Ба ҳурмати як табассум, як нигоҳи пур аз ниёз қиём намудаем?

**Ҷаҳон ишқ асту дигар зарфсозӣ,**
**Ҳама бозист, илло ишқбозӣ.**

Ҷанг, душманӣ, номеҳрубонӣ ними дунёро фаро гирифтааст. Бадгумонӣ, бадрафторӣ, андешаи ман ҳаққам ту ноҳақ ҳастӣ, ман покам ту нопок ҳастӣ мағзҳоро тира бинмуда, одамиятро мисли мори бузурге фурӯ мебарад. Дар миёни ин ҳама тазод худро дарёфтан, одамияти хешро тақвият бахшидан, аз асли хеш бохабар шудан, рисолати худро шинохтан муҳим аст.

Ҳоло, ки соли нав омадааст, дар чархиши табиат дигаргуние рух додааст, беҳтар он нест, ки мо ҳам ба ғусли таъмид машғул шавем, худро бишӯем ва покиро интихоб кунем. Худро бо табиат ҳамоҳанг созем, зебоиҳои онро мушоҳида кунем, аз гулу сабза, боғу дашту кӯҳу дарё баҳра барем. Бидонем, ки ин ҳама хубиҳо, зебоиҳо моли ваҳдат аст. Вақте инсон ин ҳама зебоиҳоро дар саҳро, даштҳо, боғҳо, рӯдҳо, кӯҳҳо... мебинад, рӯҳаш меболад, эҳсоси ошиқонааш ба туғён медарояд. Он гоҳ шеър мегӯяд, мусиқӣ эҷод мекунад, даст ба наққошӣ мезанад. Яъне, зебоӣ зебоӣ меофарад.

Ба инсонҳо хубӣ кардан, дилеро бардоштан шодиофарин аст. Мо вақте ба ҳам хубӣ мекунем, **ваҳдат** ба вуҷуд меояд, дурӣ, ҷудоӣ, бетафовутӣ аз байн меравад. Аз ғам, аз ҷудоӣ бояд парҳез кард. Ғам инсонро мехӯрад, нобуд мекунад. Ғам душмани шодӣ аст.

**Шайтони ғам ҳар он чӣ тавонад,**
**бигӯ, бикун,**
**Ман бурдаам ба бодафурӯшон**
**паноҳ аз ӯ.**

Бузургтарин ниёзи мо, инсонҳо, дар соли нав сохтани корхонае аст, ки шодӣ тавлид бикунад. Мо ба чунин корхона муҳтоҷем. Агар дар Тоҷикистон 10 миллион одам зиндагӣ мекунад, пас, бояд 10 миллион **корхонаи шодӣ** бисозем. Яъне, ҳар як сокини Тоҷикистон бояд як корхонаи тавлиди шодӣ бошад. Мо ин корхонаро дар вуҷуди худ месозем. Матои онро **зебоӣ** қарор медиҳем ва нақшҳое аз доноию некӯӣ дар он матоъ падид меоварем.

Саъдӣ Шерозӣ мефармояд:

**Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**

**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**

**Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,**
**Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.**

Ин муаллими бузурги ахлоқ таъкид мекунад, ки одамон мисли аъзои як бадан ҳастанд ва офариниши онҳо аз як гавҳар аст. Агар як одам гирифтори ранҷу дард бишавад, ин ғаму дарди ӯ ба дигарон низ сироят мекунад. Аз ин ҷост, ки набояд ранҷи дигаронро нодида бигирем ва аз доираи одамият берун бишавем.

Мӯнису ҳамдам, дастгиру мададгори якдигар будан, ғами дилҳоро зудудан, шодӣ тавлид кардан рисолати инсонии мост. Барои ин корҳоро анҷом додан мо бояд ба огаҳӣ бирасем. Корхонаи тавлиди шодиро дар замири хеш фаъол бисозем.

Нек андешидан, хубӣ кардан, ростиро пеша сохтан, ба сӯи доноӣ майл намудан, аз бадиҳо парҳезидан ба инсон боли парвоз медиҳад ва шодии ӯро бо шодии табиат яке месозад.

Ривояте ҳаст, ки модари башарият Ҳавво рӯи шохаи гуле ба дунё омад ва аз рӯи он шохаи муаттар ба замин фаромаду обро дид. Дар об акси осмон метофт. Ҳавво барои тамошои он ба лаби об рафт ва дар об духтари соҳибҷамолеро дида мафтун гашт. Ин акси худи ӯ буд, ки ошиқаш шуд.

Шохаи муаттари гул, обу акси осмон ва симои зебои худаш дар замири Ҳавво эҳсоси ишқро, покиро ва хубиҳоро бедор кард. Ин ҳодиса ба он хотир рух дод, ки мо – фарзандони ӯ зебоиро бишносем, ҳамон зебоиро, ки айни ҳақиқат аст ва ҳақиқате, ки айни зебоист.

Соли нав бо нигоҳи пурмеҳр ва оғӯши гарм ба истиқболи мо омадааст. Пас, биёед, мо ҳам меҳрубониро, табассумро, саломро фаромӯш насозем.

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

## ТАМАННОИ СОЛИ НАВӢ

**Соли нав, ёрон,**
**ки аржанги нав аст,**
**Шеъри нав, рақси нав,**
**оҳанги нав аст.**
**Соли нав фарҳангиёнро**
**аз дигар,**
**Баъди ҳар баҳсе**
**қадаҳчанги нав аст.**
***
**Соли нав соли пур**
**аз армон шавад,**
**Ғунчаи лабҳоятон**
**хандон шавад.**
**Соли нав бо бӯсаҳои**
**шакарин,**
**Ошиқонро аз дигар**
**паймон шавад.**
***
**Соли нав бо сад**
**таманно мерасад,**
**Сулҳ ҳам бар рӯи**
**дунё мерасад.**
**Бе фасоду бе касоду**
**бе шикаст,**
**Соли нав бар**
**кишвари мо мерасад.**
***
**Соли нав соли гул асту**
**санг нест,**
**Сангандозӣ, ки**
**аз фарҳанг нест.**
**Ҷуз вафою меҳр**
**дар олам мабод,**
**Хуш бувад соле, ки**
**дар он ҷанг нест.**

**ВОРИС, «Садои мардум»**

**Аз рӯи солшумории бостонӣ соли 2025 соли мор аст. Аз қадим миёни халқҳои Шарқ, аз ҷумла тоҷикон, солшуморие бо номи «Мучал» роиҷ буд, ки асоси ин тақвимро на хурофоту боварҳо, балки даври гардиши Муштарӣ дар атрофи Офтоб ташкил медиҳад ва он ба 12 сол баробар аст. Дар ин солшуморӣ ҳар сол бо номи ҷонваре вобаста. Солгардонӣ бо муш аз 22 март оғоз шуда, бо хубон 21 март хотима меёбад. Ҳар як ҷонвари ин солшуморӣ хосият дорад ва мардум ҳодисаю дигаргуниҳоро дар он сол ба хусусиятҳои он ҷонвар вобаста медонанд.**



Хушбахтӣ ва баракат дар соли мор бо рангҳои сурх ва сабз ифода меёбад. Давраи беҳтарини ин сол моҳи май ба шумор меравад. Зебо гаштани табиат, шукуфтани гулҳое, ки ҳатто дар миёни сангҳо мерӯянд, нишони саодатмандӣ мебошад.

# 2025 – СОЛИ МОР

Кӯдаконе, ки дар ин сол ба дунё омадаанд, хеле зиракaнд. Мустақилият, хушҳолӣ ва созишкорӣ сифати онҳо буда, табиати эҷодӣ доранд.

Мардҳо пурасрор ва ҳассос ҳастанд. Ба худ баҳои баланд медиҳанд, роҳат ва зиндагии ободро дӯст медоранд. Дар зоҳир ором ва хушмуомилаанд. Аз муноқишаҳо мегурезанд. Ба мансаби баланд расида метавонанд, аксар вақт пинҳонӣ амал мекунанд. Занҳои тавоноро эҳтиром мекунанд. Занҳо бошанд, дорои иродаи қавӣ ҳастанд. Онҳо барои осудагии оилаашон мубориза мебаранд ва роҳату оромиши хонаводаашонро афзал мешуморанд.

### ШАХСИЯТҲОИ МАШҲУР, КИ ДАР СОЛИ МОР ТАВАЛЛУД ШУДААНД

